Замимаи 1

Бо қарори Ҳукумати
Љумҳурии Тољикистон
аз 31 декабри соли 2014, №808
тасдиқ шудааст

# СТРАТЕГИЯ ОИД БА ЃИЗО ВА ФАЪОЛИЯТИ ЉИСМОНЇ ДАР ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН БАРОИ СОЛЊОИ 2015-2024

Душанбе - 2014

## 1. Муќаддима

1. Норасоии ѓизо яке аз масъалањои нињоят љиддии глобалии саломатї мебошад, ки айни замон ба он ањамияти кам дода мешавад. Хисороти иќтисодї, зарар ба саломатї ва талафоти њаёти одамон хеле зиёд буда, он аксар ваќт ба оилањои камбизоат ва занону кўдакон таъсир мерасонад. Норасоии ѓизо якљоя бо беморињои сироятии такроршаванда њар сол боиси фавти таќрибан 3,5 миллион модарону кўдакон мешавад. Ѓайр аз ин, чунин њолат сабабгори талафоти зиёди иќтисодї ва инсонї барои рушди миллат мегардад.

2. Бад шудани њолати ѓизо ба афзоиши фавти занон мусоидат менамояд. Умуман, номуносибии ѓизои модарон ва кўдакон сабаби асосии 35 фоиз вазнинии беморињои кўдакони аз панљсола хурд мегардад. Ѓизои носолим ва сатњи пасти фаъолияти љисмонии кўдакон ва калонсолон метавонад саломатї ва некўањволии онњо, инчунин сармояи инсонї ва рушди мамлакатро ба оќибатњои манфї оварда расонад.

3. Намудњои нисбатан пањншудаи норасоии микроэлементњо ин камхунї мебошад, ки асосан бо норасоии оњан вобаста буда, хатари бо вазни кам таваллуд шудани кўдаконро зиёд мекунад, инкишофи љисмониро суст мегардонад ва метавонад сабабгори фавти 19 фоизи кўдакон њангоми таваллуд гардад. Беморињои вобаста ба норасоии йод (минбаъд - «БНЙ») - шакли бештар пањншуда дар љањон мебошад ва њарчанд пешгирии он осон бошад њам, сабабгори зарар дидани маѓзи сари кўдакон мегардад. Норасоии витамини А ќобилияти худмуњофизатии организмро ба муќобили сироятњо суст намуда, дар тамоми љањон аз он ќариб 190 миллион кўдакони то синни мактабї азият мекашанд. Норасоии руњ системаи масуниятро суст гардонида, њар сол сабаби фавти 430000 кўдакон мешавад (китобхонаи электронии Ташкилоти умумиљањонии тандурустї (минбаъд - «ТУТ») оид ба далелњо љињати амалиёт дар соњаи ѓизо).

4. Ѓайр аз ин, давлатњои рў ба инкишоф бо мушкилии нав рў ба рў шудаанд, ки бо афзоиши беморињои ѓайрисироятї (минбаъд - «БЃС») вобаста буда, яке аз сабабњои асосии онњо истеъмоли ѓизои носолим ва танзимнашуда мебошад. Мањз њамин сабаби асосии фавт дар љањон нисбат ба њамаи сабабњои дигар дар маљмўъ ба њисоб меравад.

5. Вазни барзиёди бадан ва фарбењї, инчунин омилњои муњими тањдид ба саломатї дар мамлакатњое, ки сатњи паст ё миёнаи даромад доранд, мебошад. Айни замон, дар минтаќаи аврупоии ТУТ аз 30 то 60 фоизи ањолии калонсол ва 20 фоиз кўдакон вазни барзиёди бадан дошта, аз фарбењї азият мекашанд. Пањншавии фарбењї минбаъд низ меафзояд ва болоравии он дар байни табаќањои ањолии камбизоат зиёд мегардад. Вазни барзиёди бадан

ва фарбеҳӣ ба саломатии одамон ва низоми тандурустӣ бори гаронро пеш овардааст.

6. Ғизои солим аз давраи синамаконӣ (минбаъд - «СМ») ва сариваќт додани ғизоҳои иловагӣ оғоз мешавад. СМ ҳамеша ҳамчун усули беҳтарини ғизодиҳӣ дар синни барваќтии ҳаёт эътироф гардидааст ва ҳарчанд механизмҳои он то ҳол пурра муайян нашуда бошанд ҳам, бо кам шудани хатари фарбеҳшавӣ, норасоии ғизо (нимгуруснагӣ) ва бемориҳои сирояткунанда дар айёми кӯдакӣ вобастагӣ дорад.

## 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Стратегияи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- арзиши биологӣ - нишондиҳандаи сифати сафедаи ғизо, ки дараҷаи мутобиќати таркиби аминокислотаи онро ба талаботи организм ба аминокислотаҳо барои синтези сафеда муайян менамояд;

- детерминантҳои саломатӣ - маҷмӯи омилҳои инфиродӣ, иҷтимоӣ, иктисодӣ ва экологие, ки вазъи саломатии шахсон ва доираи алоҳида ё гурӯҳҳои аҳолиро муайян месозанд;

- тандурустӣ - ин низоми чорабиниҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, иҷтимоию иќтисодӣ ва тиббие мебошад, ки сатҳи баланди ҳифз ва беҳтар намудани саломатии аҳолиро таъмин менамояд;

- тарзи ҳаёти солим - шакл, намуд ва усулҳои фаъолияти ҳаётии инсон, ки барои ҳамин форматсияи ҷамъиятию иќтисодӣ хос буда, имкониятҳои мутобиќшавии организми онро мустаҳкам гардонида, барои аз ҷониби ӯ ба таври пурра анҷом додани функсияҳои иҷтимоӣ ва ноил шудан ба дарозумрӣ мусоидат менамояд;

- сифати маҳсулот - маҷмӯи тавсифҳое, ки хусусияти истеъмолии маҳсулоти хӯрокворӣро ташкил дода, бехатарии онро барои инсон таъмин менамояд;

- муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ - фаъолияте, ки ба коркард, истеҳсол, коркарди дубора, харид, таҳвил, нигоҳдорӣ, ба ќаламрави ҷумҳурӣ ворид намудан, интиќол, фурӯш, истифодабарӣ ва нобуд сохтани маҳсулоти хӯрокворӣ вобаста мебошад;

- тандурустии ҷамъиятӣ - ин илм ва амалияи пешгирии бемориҳо, идома додани зиндагӣ ва таъмини саломатӣ тавассути кӯшишҳои муташаккилонаи ҷамъият мебошад;

- кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (минбаъд - «КАТС») - ҷузъи асосии низоми тандурустии ҳар давлат, хадамоти асосии расонидани кӯмаки тиббию санитарӣ мебошад, ки тибќи принсипи «аз музофот ба марказ» созмон ёфтааст. КАТС ќисми таркибии рушди иҷтимоию иќтисодии ин ё он кишвар ба ҳисоб меравад;

- маҳсулоти хӯрокворӣ - маҳсулоте, ки онро инсон дар шакли табиӣ ё коркардшуда дар хӯрок истеъмол менамояд, аз ҷумла маҳсулоти ғизои

кӯдакон, маҳсулоти ғизои парҳезӣ, оби нӯшокии дар зарф ҷойкардашуда, маҳсулоти спиртӣ, оби ҷав, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, сақич, инчунин маҳсулоти хоми хӯроквориӣ, иловаҳои хӯроквориӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ;

- арзиши ғизоӣ - маҷмӯи хусусиятҳои маҳсулоти хӯроквориӣ, ки талаботи физиологии инсонро ба нерӯ ва моддаҳои асосии ғизо таъмин менамояд;

- маҳсулоти хӯроки кӯдакона - маҳсулоти хӯроквориe, ки барои ғизои кӯдакони то 14-сола пешбинӣ шуда, ба талаботи физиологии ҷисми кӯдакон ҷавобгӯ мебошанд;

- пешгирии бемориҳо - чорабиниҳое мебошанд, ки на танҳо ба пешгирии бемориҳо, ба монанди сироятнопазирӣ, мубориза ба муқобили ҳомилони беморӣ ё чорабинӣ зидди тамокукашӣ, балки ҷиҳати боздоштани рушди он равона шудаанд;

- фурӯш - фурӯхтан, таҳвил, пешниҳод намуданимаҳсулоти хӯроквориӣ бо шартҳои муайян;

- ташаккули тарзи ҳаёти солим - ин масъалаи маҷмӯие мебошад, ки нисбат ба таҳқиқи тарзи ҳаёти солими аҳолӣ, инчунин таваҷҷӯҳи кормандони тиб, омӯзгорон, равоншиносон муносибати маҷмӯиро талаб намуда, ба хусусияти муҳити атрофи макроиҷтимоии инсон, фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ ва пешгирии он алоқаманд мебошад.

### 3. Таҳлили вазъият, ки бо ғизо дар ҷумҳурӣ вобаста мебошад

7. Амнияти озуқаворӣ. Вайроншавии низоми ғизо (ба монанди аксари давлатҳои дигар), дар Тоҷикистон, ки бо омилҳои истеъмоли ғизо ва бемориҳои вобаста ба хӯрок алоқаманд мебошанд, мисли пештара барои тандурустии ҷамъиятӣ мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар гузашта Тоҷикистон душвориҳои иқтисодию сиёсиро паси сар намуд, ки барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат таъсири манфӣ расонд. Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 1990-уми асри гузашта ва бӯҳрони вазнини иқтисодӣ, ба қашшоқии аҳолӣ ва муҳоҷирати дохилию беруна оварда расонд. Тибқи маълумоти охирини Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - «АО ПҶТ») барои соли 2013, шумораи аҳолии Тоҷикистон 8 миллионро ташкил медиҳад, ки 3,9 миллиони он занҳо (аз он беш аз 2,1 миллион занҳои синни таваллуд) мебошанд.

Аз солҳои 1990-и асри гузашта шурӯъ намуда, байни аҳолии мамлакатҳои ИДМ, алалхусус дар Тоҷикистон вобаста ба озуқаворӣ мушкилоти ҷиддӣ ба қайд гирифта шуд. Дар мамлакат нисбатан кам шудани сатҳи камбизоатӣ мушоҳида гардид - аз 88 фоиз дар соли 1999 то 38 фоиз дар соли 2012, вале ҳамзамон теъдоди камбизоатӣ дар мамлакат ба таври назаррас боқӣ монд ва одамони зиёд аз бемориҳои гуногун, ки ба ғизо вобаста мебошанд, азият мекашанд. Вазъи умумӣ вобаста ба амнияти

озуќаворї дар Тољикистон нишон дод, ки аз шумораи дар пурсиш иштироknamудагон дар соњањои хавфи баланддошта, 24 фоиз хољагињо, аз рўи низоми мониторинги амнияти озуќаворї дар соли 2011 њамчун ѓайрикофї аз љињати озуқаворї таъминбуда арзёбї шуданд.

Тољикистон аз рўи шохиси (индекси) рушди инсон љойи 112 ва аз рўи шохиси нобаробарии гендерї љойи 65-умро ишғол мекунад. Соли 2008 шохиси нобаробарии гендерии мамлакат ба 0,506 ((SIGI) Social Institution and Gender Index, 2008) баробар буд, ки ин вазъи муайяни бозори меҳнат, саломатии репродуктивї ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занҳоро нишон медињад. Шохиси нобаробарии гендерї пастшавии имконпазири сатҳи рушди инсонро нисбат ба нишондињандаҳои дар боло зикршуда инъикос мекунад.

8. Синамаконї ва ѓизои иловагии кўдакон. Аз рўи маълумоти Тањқиқоти миллии њолати микронутриентҳо (минбаъд - «ТМЊМ») дар соли 2009 њамаи кўдакони синамак (98 фоиз) њадди аќал дар давоми 4 моњ тањњо шири сина истеъмол намудаанд. Аммо аз 85 фоиз кўдаконе, ки шири сина истеъмол менамуданд, дар давоми се моҳи аввали ҳаёт танҳо 65 фоиз синамакиро то панљ моҳи аввал давом додаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қисме аз модарон дар баробари ба синни 5 - 6 моҳагї расидани кўдак синамакониро ќатъ мекунанд. Тибќи тањќиќоти тиббию демографї (2012) дар љумњурї 34 фоизи кўдакони синни то 6 моња тањњо шири модар ва 33,3 фоиз ѓизои иловагиро истеъмол кардаанд.

Аз сина људокунии тифлон, тибќи гуфтаи заноне, ки инро дар хотир доранд, тадриљан амалї карда мешуд: 31 фоиз дар тўли шаш моњи аввал ва 69 фоизи онњо то синни 12 моњагї кўдакро аз сина људо кардаанд. Умуман, дар дењот занҳо синамакониро то синни 12 - 23 моҳагии кўдак давом медиҳанд. Тафовути гендерї дар СМ танҳо нисбати давомнокии он мушоҳида мешавад - писарбачаҳоро нисбат ба духтарҳо то 23 моҳ зиёдтар (мутаносибан 41 ва 27 фоиз) сина медињанд. Аз соли 2008 то айни замон, дар мамлакат аз 70 то 30 таваллудхона ҳамчун беморхонањои муносибати хайрхоҳона ба кўдак сертификатсия кунонида шуданд.

ТУТ ва Хазинаи кўдакони Созмони Милали Муттањид (минбаъд - «ЮНИСЕФ») то 6 моњагї тањњо синамаконї ва љорї намудани ѓизодињии иловагиро бо истифода аз мањсулоти хўроквории ниммоеъ бо моддањои ѓизодињандаи дахлдор аз 6 моњагии њаёти кўдак шурўъ намуда, бо идома додани СМ то 24 моњагї бо тавозуни бењтаркардашудаи мањсулоти ѓизої тавсия медињанд.

9. Ѓизои кўдакони синни томактабї, мактабї ва занон. Тањлили маълумот нишон медињад, ки баъзе кўдакон миќдори кофии микроэлементҳо, аз қабили йод, оҳан, витаминҳои А ва Д ва ѓайраро гирифта наметавонанд; мушкилоти ғизогирии нокифоя боқї мемонад ва таъхири баландшавии қад яке аз падидаҳои назарраси он мебошад.

Аз рӯи натиљањои ТМЊМ дар соли 2009, кӯдакон бештар намудҳои зерини озуқавориро истеъмол намудаанд: «гандум, нон, биринљ, маҳсулоти макаронї, кулчақанд (96,7 фоиз)», «картошка ё дигар сабзавоти решадор (92,8 фоиз)» ва «дигар сабзавоту мевагиҳо (87,4 фоиз)». Танҳо 4 нафар аз 10 кӯдак чунин маҳсулотро, ба монанди лӯбиё, нахӯд, наск, чормағз (42,6 фоиз) ва тухм (36,9 фоиз) истеъмол кардаанд. Дар масъалаи нӯшокиҳо бошад, қисми зиёди кӯдакон чойи сиёҳ ё кабуд (94,0 фоиз) ва оби ширин ё нӯшобаҳои мевагї (77,9 фоиз)- ро истеъмол намудаанд.

Муќаррар карда шудааст, ки афзоиши нерӯ аз њисоби моно- ва дисахаридњо, ин яке аз омилњои инкишофи бемории вайроншавии милки дандон (кариеси дандон) дар байни мактаббачагони кишвар ба њисоб меравад.

10. Хусусиятњои ѓизои ањолї. Натиљањои ТМЊМ (2009) нињоят ратсиони якхелаи ѓизогирї ва номгӯи ками мањсулоти хӯроквориро нишон медињад. Инчунин истеъмоли миќдори ками сафедаи њайвонот, калсий, оњан ва ѓ. муќаррар карда шуд. Ба назар мерасад, ки њамаи ин, дар навбати аввал бо кам будани мањсулоти гӯштию ширї дар ратсиони онњо вобастагї дорад.

Аз рӯи натиљањои Низоми мониторинги амнияти озуќаворї (минбад “НМАО”), ки соли 2011 бо унсурњои ѓизо гузаронида шуд, кӯдаконе, ки танњо сина намемакиданд (то 6 моњагї), шири њайвонот, оби муќаррарї ё ширин, чой, нон ё картошка истеъмол мекарданд. Танњо 40 фоизи кӯдакони синни 6-8 моња, ки пурра аз синамаконї људо карда шуда буданд, ѓизои нимсахтро дар намуди ѓизои иловагї истеъмол менамуданд.

Њамин тавр, кӯдакон ҳамарӯза гандум ё картошка, равғану шакар, ба таври нокифоя сабзавот ва мањсулоти гӯштию ширї истеъмол мекунанд, ки талаботи онњоро ба ќувва ва ба моддањои ѓизої (сафедањои њайвонот, минералҳо ва витаминҳо) қонеъ гардонида наметавонад.

Таѓйир ёфтани ратсиони ѓизогирї, солњои охир сабабгори афзоиши беморињои вобаста ба ѓизо дар байни ањолии Љумњурии Тољикистон гардид.

## 4. Сарбории беморињои вобаста ба ѓизо

11. Норасоии ѓизо. Дар Тољикистон таќрибан аз се як кӯдаки синни то панљсола ќадпаст мебошад (ќади паст нисбат ба синну сол) ё ба норасоии музмини ѓизо гирифтор шудааст ва дар њолатњои алоњида аз дањ як кӯдак дорои вазни нокифояи бадан мебошад (вазни кам нисбат ба синнусол) ва ё аз норасоии шадиди ѓизо азият мекашад.

Тибќи маълумоти тањќиќоти тиббию биологї (2012) беш аз 26 фоизи кӯдакони синни то 5 сола ба норасоии музмини ѓизо ва 10 фоизи онњо ба

норасоии шадиди ѓизо (аз онњо 4 фоиз ба норасоии шадиди дараљаи вазнин) гирифтор мебошанд.

Њолатњои шадиди норасоии ѓизо то ҳол дар Тољикистон, дар ноҳияҳое, ки амнияти озуќаворї нокифоя аст, набудани дастрасї ба оби нўшокии бехатар, паҳншавии бемориҳои вобаста ба ѓизо ба мушоњида мерасад. Дар хољагињое, ки маҳсулоти озуќаворї парвариш карда намешавад, аз хориља интиќоли пулї намегиранд ва дар ноҳияҳои дурдаст љойгиранд вазъият боз ҳам ногувортар мебошад. Таҳдиди асосї барои амнияти озуќаворї дар чунин хољагиҳо ин сифати пасти зиндагї, нарасидани оби нўшокї ва нархи баланди маҳсулоти асосии озуқаворї мебошад.

12. Пањншавии бемории камхунї вобаста ба норасоии оњан. Барои занҳои ҳомиладор ва кўдакони хурдсол хавфи баланди камхунии вобаста ба норасоии оњан (минбаъд - «КНО») таҳдид мекунад. КНО занҳои синни таваллудро метавонад ба чунин мушкилиҳо, ба монанди вазни нокифояи бадани кўдак ҳангоми таваллудшавї ва таваллуди пеш аз мўҳлат оварда расонад, инчунин ба ҳаёти занҳо таҳдид намояд (фавти модарон). Норасоии оҳан ба афзоиш ва рушди љисмонию зеҳнии кўдак таъсири манфї мерасонад.

Тибќи маълумоти ТМЊМ (2009) пањншавии КНО дар байни кўдакони синни 6-59 моња 28,7 фоиз (соли 2003 - 37,7 фоиз) ва занони ќобили таваллуд 24,2 фоиз (соли 2003 - 41,2 фоиз)- ро ташкил медињад.

Ин нишондињанда (Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон, 2012) барои кўдакони синни мактабї (7-10 сола) дар Љумњурии Тољикистон ба 45,8 фоиз баробар аст, ки нисбати солњои 1994-1997 таќрибан 4,2 фоиз камтар мебошад. Нишондињандаи баланди пањншавии КНО (61 фоиз) байни хонандагони вилояти Хатлон ва нишондињандаи пасттарини он (28 фоиз) байни кўдакони синни мактабии ш.Душанбе ба ќайд гирифта шудааст. Дар зиёд гардидани КНО байни хонандагони љумњурї афзалият ба омили алиментарї дода мешавад.

Ба тамоюли паст шудани паҳншавии КНО дар байни аҳолии Тољикистон нигоҳ накарда, тадбирҳои пешгирии он қобилияти ниҳоят муҳим будани худро гум накардааст, зеро ин мушкилот барои саломатии ањолї њамчун пештара муњим мебошад.

13. Беморињои вобаста ба норасоии йод. Бемориҳои вобаста ба норасоии йод маъмул буда, дар тамоми љањон паҳн гардида, аксар ваќт ба эътибор гирифта намешаванд. Норасоии йод дар кўдакон метавонад тадриљан ба сустшавии инкишофи зењнї оварда расонад, яъне ба бемории кретинизм, инчунин муќовимати организмро ба сироятњои гуногун паст намояд.

Соли 2002 Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи йодноккунии намак» қабул гардид. Дар мамлакат маъракаҳои иттилоотонии доираҳои васеи љомеа, ки дар онҳо ташкилотњои ѓайрињукуматї ва васоити ахбори умум иштирок доштанд, гузаронида шуд. Дар љумњурї усули нисбатан

дастрас ва сарфакоронаи йодноккунии намак истифода бурда мешавад, зеро нишондињандањои истеъмоли намаки йодноккардашударо метавон минбаъд низ беҳтар намуд, махсусан байни баъзе гурўњњои ањолї.

Натиљањои тањқиқоти солњои 2009-2013 нишон доданд, ки танҳо 59 фоизи аҳолии мамлакат дар ғизо намаки йодноккардашудаи сифатнокро истеъмол намуданд. Њамзамон, сатҳи иттилоотонии аҳолї дар бораи муҳим будани истифодаи намаки йодноккардашуда таќрибан 80 фоизроташкил медиҳад, ҳол он ки дар соли 2005 ин нишондињанда танҳо ба 47 фоиз баробар буд.

Пањншавии БНЙ дар асоси тањлилњои лаборатории пешоби занони синни таваллуд - 58,6 фоиз (дар соли 2003 – 57 фоиз) ва кўдакони синни то 5 сола - 52,9 фоиз (дар соли 2003 - 63,8 фоиз)-ро ташкил дод, ки аз мављуд будани мушкилот шањодат медињад. Вале шаклњои вазнини БНЙ дар занон (аз 35,2 фоиз то 14,1 фоиз) ва кўдакон (аз 40 фоиз то 9,5 фоиз) тамоюли пастшавї доштанд.

Пањншавии БНЙ (Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон, 2012) дар байни кўдакони синни мактабї (10-15 сола) дар Љумњурии Тољикистон 56 фоизро ташкил медињад. Ин нишондињанда дар соли 1997 барои кўдакони синни зикргардида 58 фоизро ташкил дод, яъне 2 фоиз нисбат ба соли 2012 паст рафтааст. Новобаста ба тамоюли паст рафтани пањншавии љоѓари эндемї ва КНО дар байни хонандагон дар Љумњурии Тољикистон, масъалаи баррасишаванда њамчун муњим боќї мемонад.

14. Норасоии витамини А. Аз рўи натиљањои тадқиқоти Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон гузаронидашуда таќрибан 52% кўдакони синни аз 6 то 59 моҳа дорои шаклҳои мухталифи норасоии витамини А мебошанд. Аз рўи маълумоти тадќиќоти мазкур аз њама камтар иловаҳои бо витамини А дар давоми давраи њаштҳафтаинаи пас аз таваллуд одатан занҳое мегиранд, ки дар дењот зиндагї мекунанд ва танҳо соҳиби таҳсилоти ибтидої буда, оид ба даромад қашшоқтарин табаќаи ањолиро ташкил менамоянд. Тадқиқоти зикршуда ҳамчунин ошкор намуд, ки дар давоми 6 моҳи гузаронидани муоина духтарчаҳо нисбат ба писарбачаҳои ҳамсоли худ иловаҳо бо витамини А гирифтаанд. Дар мамлакат новобаста ба мављуд будани стратегия оид ба «Пешгирии норасоии витамини А дар байни аҳолии Љумҳурии Тољикистон», барои татбиқи он тадбирҳои иловагї талаб карда мешаванд.

15. Вазни барзиёди бадан ва фарбењї дар байни занону кўдакон. Дар байни ањолї сатњи баланди БЃС, ба монанди беморињои дилу рагҳои хунгард, диабети ќанд, саратон, фарбењї ва кариеси дандон ба ќайд гирифта шуданд. Вазни барзиёди бадан ва фарбеҳї яке аз омилҳои асосии хатари пайдошавии беморињои диабети ќанд, дилу рагҳои хунгард ва саратон, ки дар Тољикистон ба ќайд гирифта мешаванд, мањсуб меёбад. Муайян карда

шудааст, ки 7 фоизи занњои ќобили таваллуди Љумњурї аз бемории фарбењї (ќисми зиёди онњо дар ш.Душанбе ба ќайд гирифта шудаанд) азият мекашанд, аз 23 то 42 фоизи онҳо бошад, вазни барзиёд доранд (ВТЊИА Љ Т, солњои 2009-2012). Алоќамандї байни синну соли занон ва шохиси вазни бадани онњо (минбаъд – «ШВБ») муайян карда шудааст. Пањншавии фарбењї дар байни кўдакони синни мактабї (6-17 сола) дар Љумњурии Тољикистон 4,7 фоизро (ВТЊИА ЉТ, соли 2009) ташкил медињад.

16. Дигар бемориҳои ғайрисироятии вобаста ба ѓизо. Тибқи маълумоти ТУТ, 86 фоизи тамоми фавтҳо ба БЃС ва 77 фоиз ба сарбории бемориҳо рост меояд. БЃС сарбориро ба системаи тандурустї мунтазам баланд мебардоранд, рушди иқтисодиро суст гардонида, некўаҳволии аҳолиро бад месозанд.

Бўњрони иқтисодї ба бад шудани сатҳи ҳаёти қисми зиёди аҳолї мусоидат карда, ба афзоиши паҳншавии БЃС оварда расонд. Њамаи ин ба таври мустаќим ба паст шудани дастрасии аксари маҳсулоти озуқаворї ва иваз кардани онҳо ба озуқаворecho нисбатан арзон бо арзиши ками ѓизої оварда мерасонад.

БЃС ба мањсулнокї ва сифати меҳнат таъсири манфї расонида, харољоти соњаи тандурустиро зиёд менамояд, бинобар ин ҳам хољагиҳо ва ҳам давлат дар маљмўъ зарар мебинанд.

Тањлили маълумоти оморї оид ба БЃС дар солњои охир нишон дод, ки тамоюли пањншавии фишорбаландї ва бемориҳои ишемиявии дил дар байни ањолии Љумњурии Тољикистон рў ба афзоиш дорад.

Тибќи иттилооти ТУТ, дар аксари давлатњои минтаќаи Аврупо истеъмоли намак аз меъёри тавсияшудаи ТУТ (то 5 г/шабонарўз) зиёд мебошад, ки ин яке аз сабабњои асосии бемориҳои дилу рагњои хунгард мебошад.

Беморињо (тибќи муроҷиат) ба 100 њазор ањолии Љумњурии Тољикистон

| Нишондињандањо | с.2003 | с.2008 | с.2009 | с.2012 |
|---|---|---|---|---|
| 1. Бемориҳои дилу рагњои хунгард | 1073,8 | 991,1 | 1031,3 | 1209,2 |
| - фишорбаландї | 260,5 | 308,5 | 346,5 | 448,6 |
| - бемории ишемиявии дил | 118,8 | 139,1 | 158,5 | 200,5 |
| 2. Саратон | 35,2 | 30,4 | 36,6 | |
| - саратони ѓадуди сина | 4,0 | 3,9 | 4,7 | 4,5 |
| 3. Диабети ќанд | 61,9 | 49,7 | 65,6 | 60,5 |

Дар Тољикистон маълумоти илман асосноккардашуда оид ба арзёбии наќши омилњои хатарнок вобаста ба ратсиони ѓизо дар инкишофи бемориҳои дилу рагњои хунгард (истеъмоли намак, ќанди озод, кислотањои равѓанї ва ѓ. дар ѓизои беморон ) вуљуд надорад. Аз ин лињоз, тањияи лоињањои корњои илмию тањќиќотї ва татбиќи онњо яке аз масъалањои мубрами илмї тибби кишвар ба њисоб меравад.

## 5. Маќсади Стратегия

17. Стратегияи мазкур ин воситаи дастгирии мутобиќат, муттасилї ва њамоњангсозї буда, ќисми људонашавандаи сиёсати миллии рушди иљтимоию иќтисодї мебошад.

18. Маќсади Стратегия аз тањким ва њифзи саломатии ањолї бо роњи бењтар намудани вазъи ѓизо, ратсион ва фаъолияти љисмонї тавассути амалиёти байнибахшї иборат мебошад.

19. Стратегия мутобиќи моддаи 17 Ќонуни конститутсионии Љумњурии Тољикистон «Дар бораи Њукумати Љумњурии Тољикистон” ва Наќшаи аврупоии нави амалиёти ТУТ оид ба ѓизо ва пешгирии беморињои ѓайрисироятї дар ќаринаи «Саломатї – 2020» тањия гардидааст.

20. «Стратегия оид ба ѓизо ва фаъолияти љисмонї дар Љумњурии Тољикистон барои солњои 2015-2024» маќсадњои дарозмўњлати давлатро дар соњаи ѓизо ва фаъолияти љисмонї љамъбаст менамояд ва бо њадафњои маќсадноки глобалии ТУТ дар соњаи ѓизо ва беморињои ѓайрисироятї мувофиќа карда мешавад. Стратегия афкору дурнамои маќомоти марказии идоракунї, маќомоти иљроияи мањаллии њокимяти давлатї, инчунин афкори сохторњои давлатї (аз љумла ташкилотњои ѓайрињукуматї)- ро, ки фаъолияташон бо ѓизо, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС дар Љумњурии Тољикистон алоќаманд мебошад, инъикос менамояд. Стратегия тамоми табаќањои ањолиро дар бар мегирад, вале афзалият ба гурўњи осебпазир (кўдакон ва занон) бо такя намудан ба бењтар кардани ратсиони ѓизо, таркиби он ва баланд бардоштани фаъолияти љисмонї дода мешавад. Диќќати махсус ба нишондињандањои иљтимої, ба монанди: гендер, њолати иљтимоию иќтисодї, мансубияти этникї, таќвияти иќтидори ташкилию кадрї, аз љумла омўзонидани КАТС дода мешавад.

Њамин тавр, тањияи чорабинињо вобаста ба ѓизо дар сатњи байнисоњавї барои бењтар намудани низоми ѓизо, инчунин андешидани чорањои сариваќтї љињати бартараф намудани камбудињои љойдошта, барои давлат ањамияти басо муњими тиббию иљтимої ва иќтисодї дорад.

## 6. Нишондињандањо ва њадафњои маќсадноки Стратегия

21. Мусоидат намудан ба синамаконї ва сариваќт додани ѓизои зарурии иловагї:

- афзоиши тањљо синамаконии кўдакон то 6 моњагї ба 50 фоиз.

22. Ба таври назаррас кам намудани пањншавии норасоии ѓизо, аз љумла норасоии микроэлементњо ва фарбењї, махсусан дар байни занњо ва кўдакон ва дигар беморињои ѓайрисироятии вобаста ба хўрок то соли 2024:

а) кам намудани ќадпастї (таносуби ќад ба синну сол) ба 40 фоиз;

б) кам кардани сатњи КНО то 50 фоиз дар байни занони синни репродуктивї;

в) нигоњ дошатнаи пањншавии норасоии шадиди ѓизо (камвазнї) дар сатњи аз 5% пастар;

г) пешгирии афзоиши вазни барзиёди бадан дар байни кўдакону занон.

23. Истифода намудани њамкории аз нуќтаи назари иќтисодї манфиатдор (байни бахшњо) бо маќсади пешбурди ѓизои солим бо ёрии механизмњои молиявї ва маркетингї:

а) мунтазам аз хўроки ањолї ихтисор намудани транс-чарбњо;

б) то 5 гр./шабонарўз кам намудани истеъмоли намак;

в) ќабул намудани ќоидањои ба танзим даровардани рекламањо ва фурўши мањсулоти озуќаворї барои кўдакон.

24. Истеъмоли на камтар аз 400 гр. меваю сабзавот дар як шабонарўз.

25. Суръат бахшидан ба фаъолият (дар сатњи байнисоњавї) дар соњаи пешгирї ва назорати фарбењї (махсусан дар байни кўдакон) тавассути татбиќи тадбирњо, ки аз љониби Эъломияи Вена оид ба ѓизо ва беморињои ѓайрисироятї ва дар Наќшаи амалиёти Аврупо дар соњаи мањсулоти хўроквори ва ѓизо барои солњои 2015-2020 пешнињод шудаанд.

26. Тањкими системаи мониторинг ва назорати ѓизогирї ва њолати ѓизо, инчунин назорати эпидемиологии БЃС бо ишораи махсус ба гурўњњои нисбатан осебпазири ањолї, гузаронидани тањќиќоти даврї дар сатњи миллиро дар назар дорад.

27. Татбиќи Стратегия дар соњаи ѓизо дастрасии умумро ба озуќаворї, адолати иљтимої ва баробарии гендерии вобаста ба ѓизои ањолии Тољикистон кафолат медињад.

## 7. Принсип ва муносибатњои асосии Стратегия

28. Стратегияи мазкур аз принсипњои асосии зерин иборат аст:

- њуќуќњои инсон: њуќуќ ба озуќа;
- беморињои ѓайрисироятї, ѓизогирии нокифоя ва норасоии микронутриентњо ба инкишофи иљтимоию иќтисодї монеа мешаванд;
- дастрасии умум, адолати иљтимої ва баробарии гендерї;
- муносибате, ки тамоми марњилаи њаётро фаро мегирад;
- стратегияњои илман асосноккардашуда;
- васеъ намудани њуќуќ ва имкониятњои шањрвандон ва љамъиятњо.

## 8. Тадбирњои афзалиятноки дахолати Стратегия

29. Таќвияти заминаи меъёрии њуќуќї ва методї. Дар сатњи байнисоњавї (бо мутахассисони пешбари вазорату идорањо) фаъолият оиди ворид намудани таѓйиру иловањо ба ќонунњои амалкунандаи Љумњурии Тољикистон вобаста ба масъалањои ѓизо, баланд бардоштани сатњи фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС амалї гардонида мешавад. Дастур ва

тавсияҳо вобаста ба масъалаҳои ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

30. Рушди илм ва иқтидори кадрӣ. Дар сатҳи байнисоҳавӣ лоиҳаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС таҳия ва татбиқ карда мешавад. Дар якҷоягӣ бо мутахассисони пешбари бахшҳои дахлдори давлатӣ мутахассисҳои соҳаи ғизо тайёр карда мешавад.

Дар натиҷа Стратегия сатҳи хизматрасониро оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати БҒС (дар навбати аввал дар сатҳи КАТС) баланд мебардорад.

Дар баробари тадбирҳо оид ба мустаҳкам намудани иқтидори шахсони масъул, диққати калон ба таълими то- ва баъдидипломии донишҷӯён, баланд бардоштани тахассуси кормандони соҳаи тандурустӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон ва гендерӣ дода мешавад. Дар муассисаҳои таълимӣ барномаҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС ворид карда мешаванд.

31. Беҳтар намудани ғизогирии тифлон ва кӯдакони синни бармаҳал. Стратегия ба ҳавасмандгардонии минбаъдаи СМ ва амалияи дурусти додани ғизои иловагӣ, ки натанҳо шароити заруриро барои рушди ҷисмонӣ ва ақлӣ фароҳам меорад, балки барои пешгирии БҒС мусоидат менамояд. Барои таъмини иштироки мардон дар ташкили ғизои дуруст ва пешгирии бемориҳои вобаста ба ғизогирии нодурусти занҳои ҳомиладор ва кӯдакони синамак, инчунин нигоҳубини онҳо ҳангоми беморшавӣ, машварат додан ба ҳар ду волидайн оид ба масъалаҳои ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ ба нақша гирифта мешавад.

32. Ташкили ғизои солим барои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ. Ташкили ғизои солими хонандагон дар сатҳи миллӣ, яке аз вазифаҳои асосии бахшҳои гуногуни ҳукуматӣ маҳсуб меёбад. Ташкилотҳои байналмилалӣ низ дар беҳтар намудани ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС, ки муайянкунандаи ояндаи миллат (унсури асосии таҳкими саломатӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва некӯаҳволӣ) мебошад, иштирок менамоянд. Барномаи ғизои мактабӣ ба рушди ғизогирии томактабӣ ва мактабӣ мусоидат мекунад.

Ворид намудани ҷанбаҳои ғизогирӣ ба барномаи мактабӣ, баланд бардоштани фаъолнокӣ ва пешгирии БҒС, унсури зарурии таълимӣ маҳсуб меёбад.

Дар сатҳи байнисоҳавӣ дастур ва тавсияҳо оид ба ғизогирӣ, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС таҳия карда мешаванд. Ҳамчунин ба «Меъёрҳои ғизои солим, фаъолияти ҷисмонӣ ва қоидаҳои гигиенаи шахсӣ барои кӯдакон» диққати махсус дода мешавад.

Дохил намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти ТУТ оид ба мониторинги ҳолати ғизои кӯдакон ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи муносибати ТУТ оид ба истифодаи дахолатҳо бо таносуби хароҷоти кам ва самаранокӣ, назорати маркетинги маҳсулоти озуқаворӣ барои кӯдакон пешбинишуда бо таваҷҷӯҳи хоса ба муқобили рекламаи

номаќбул оид ба ивазкунандањои шири модар, истифода накардани транс-чарбњо ва кам истемол намудани намак амалї карда мешавад.

33. Тањияи маљмўи ташаббусњо оид ба ѓизо, фаъолияти љисмонї. Дар доираи фаъолияти байнисоњавї маводи иттилоотї дар асоси тибби илман асосноккардашуда барои баланд бардоштани сатњи дониши ањолї оид ба масъалањои ѓизо ва фаъолияти љисмонї тањия карда мешавад.

Аз тарафи соњањои зикршуда чорабинињо оид ба таъмини ањолї бо намаки сифатноки йодноккардашуда, арзёбии сатњи истифодаи намак ва тарнс-чарбњо амалї карда мешаванд.

Бинобар муњим будани омили баланд бардоштани сатњи фаъолнокии ањолї дар пешгирии БЃС дар сатњи байнисоњавї татбиќ намудани як ќатор чорабинињо, ки ба мустањкам намудани заминаи њуќуќию меъёрї, тайёр кардани кадрњо, тањияи барномањо оид ба рушди тарбияи љисмонї ва варзиш равона шудаанд ва ворид намудани онњо ба барномањои таълимии томактабї ва мактабї, донишгоњњо ва сохторњои дигар пешбинї шудаанд.

Наќшаи таъсири иттилоотї ва алоќа бо маќсади амалисозии Стратегия, ки имкон медињад фаъолияти воситањои гуногуни иттилоотї њамоњанг гардида, байни онњо ба манфиати тарѓиби зарурии ѓизо ва фаъолияти љисмонї синергизм ташкил карда шавад. Тањлили маводи иттилоотї барои инъикоси фарќияти гендерї, махсусан барои гурўњњои асосии хатар (ба монанди занњо ва духтарњои навраси њомиладор ва синамакон) таъсис дода мешавад.

34. Тањкими њамкории байнибахшї. Механизмњои њамкории байнибахшї ва коммуникатсия барои сариваќт ва самаранок ќабул намудани тадбирњо оиди ташкили ѓизои дуруст, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС пурзўр карда мешаванд.

Назорати татбиќи Стратегия ва њамоњанг намудани масъалањои вобаста ба ѓизо ба зиммаи Кумитаи байниидоравї (минбаъд - «КБИ»), ки аз шумораи мутахассисони баландихтисоси идораю вазоратњои дахлдор (дар мувофиќа) бо фармоиши Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон таъсис дода мешавад, вогузошта мешавад.

КБИ метавонад ба таври иловагї чорабинињоро дохил намуда, њангоми зарурат дар мўњлатњои татбиќи чорабинињо таѓйирот ворид намояд. Намояндагони ташкилотњои байналмилалї низ метавонанд ба њайати КБИ шомил гарданд.

Замина љињати тањияи сиёсати миллї дар соњаи ташкили ѓизои солими ањолии Тољикистон омода карда мешавад.

35. Мониторинг ва арзёбї. Мониторинг дар асоси назорати мунтазами нишондињандањои интихобгардида, ки ба стандарту талаботи байналмилалї љавобгў мебошанд ва ба иттилооти сифатноку боэътимод ва стандартонидашуда асос мегиранд. Низоми арзёбї бояд иттилоотро дар бораи ѓизо, фаъолияти љисмонї ва БЃС-и гурўњњои гуногуни ањолї (дар навбати аввал дар байни кўдакону занон, кўњансолон, аз љумла масъалањои фарќияти

гендерӣ)-ро назорат намуда, сарбории онҳоро (аз ҷумла сарфаи маблағ) муайян менамояд.

Арзёбӣ – имконият медиҳад, ки маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳо натанҳо «миқдоран», балки «сифатан» таҳлил гардида, хулоса бароварда шавад ва оид ба баланд бардоштани самарабахшии татбиқи чораҳои пешбининамуда қарор қабул гардад.

Арзёбии самаранокии татбиқи чорабиниҳо бо дастгирӣ ва истифодаи низоми нишондиҳандаҳои ТУТ оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ бо дарназардошти дохил намудани маълумоти гирифташуда ба Системаи назоратии минтақаи аврупоии ТУТ ба нақша гирифта мешавад.

Нишондиҳандаҳои таъсир ва назорат муайян карда мешаванд:

а) нишондиҳандаҳои таъсир (Стратегия) барои муайян намудани тағйироти махсус, тамоюл ва мушкилот дар соҳаи ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС истифода бурда мешаванд. Масалан: паҳншавии гипотрофияи шадид ва музмин дар байни кӯдакони синни аз 6 то 59 моҳа, КНО, БНЙ, фарбеҳӣ дар байни кӯдакону занҳо ё истеъмоли шабонарӯзии меваю сабзавот, қанд, транс-чарбҳо, намак нисбат ба меъёрҳои тавсиянамудаи ТУТ;

б) нишондиҳандаҳои назорат (барномавӣ ё чорабиниҳо) ба мӯҳлатҳои мушаххас ва амалиёти татбиқи чорабиниҳо вобастагӣ дорад.

Ба нақша гирифта мешавад, ки маълумот ба низоми умумии иттилоотӣ ворид карда шуда, ба мониторинги умумии вазъи саломатӣ ва таҳкими робитаҳои байнисоҳавӣ саҳм гузошта мешавад.

Мониторинги татбиқи Стратегияи мазкур ба зиммаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ташкилоти масъул Маркази ҷумҳуриявии ғизо муайян карда шудааст) вогузошта шудааст. Қисми зиёди маълумотро (хусусан нишондиҳандаҳои миқдориро) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор аз рӯи соҳаҳои фаъолият пешниҳод менамоянд.

Натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии татбиқи Стратегия мунтазам дар ҷаласаи КБИ баррасӣ гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Маълумоти дар ҷараёни мониторинг ва арзёбии Стратегия бадастовардашуда, барои сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалие, ки вобаста ба масъалаҳои ғизои аҳолии ҷумҳурӣ фаъолият доранд, манфиатнок мебошад. Маълумоти бадастовардашуда барои таҳияи «Сиёсат дар соҳаи ташкили ғизои солими аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода бурда мешавад.

Замимаи 2

Бо қарори Ҳукумати
Љумҳурии Тољикистон
аз 31 декабри соли 2014, №808
тасдиқ шудааст

Н А Ќ Ш А И

татбиќи Стратегия оид ба ѓизо ва фаъолияти љисмонї дар Љумњурии Тољикистон барои солњои 2015-2024

| № | Номгўи чорабинињо | Иљрокунандагон | Муњлати иљро | Нишондињандањо и назорат | Харољоти молиявї (бо сомонї) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Буљетї | ТБ |
| 1. Мустањкам намудани заминаи меъёрию њуќуќї ва методї | | | | | | |
| 1.1. | Ворид намудани таѓйиру иловањои дахлдор ба Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи тарбияи љисмонї ва варзиш» | КЉВС ва дигар вазорату идорањои дахлдор | 2015-2017 | Ќонун тасдиќ шудааст | - | - |
| 1.2. | Тањияи «Меъёрњо ва ќоидањои санитарї оид ба ташкили ѓизои кўдакони синни томактабї ва мактабї» бо дарназардошти мањдуд намудани истеъмоли намак ва трансчарбњо | ВМИ ЉТ<br>ХНДСЭ<br>МИКП<br>ПИТ «Ѓизо»<br>ТУТ<br>БУО | 2015-2024 | Меъёрњо ва ќоидањои санитарї тањия ва тасдиќ мешаванд | 30000 | 90000 |
| 1.3. | Тањияи «Дастурамал оид ба ѓизогирии кўдакони синни томактабї ва мактабї» бо дарназардошти мањдуд намудани истеъмоли намак ва трансчарбњо | РТХТМКТО<br>МИКП<br>БУО<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2015-2016 | Дастурамал тањия ва тасдиќ мешавад | 3000 | 9000 |
| 1.4. | Тањияи «Дастурамал оид ба ѓизогирии беморони фарбењї» | МЉЃ<br>ПИТТПТ<br>ДДТТ<br>МЉКЭ<br>ТУТ | 2015 | Дастурамал тањия, тасдиќ ва интишор мешавад | 3000 | 9000 |
| 1.5. | Тањияи «Дастурамал оид ба ѓизогирии беморони фишорбаландї ва ишемиявии дил» | МЉЃ<br>МЉКБД<br>ПИТТПТ<br>ТУТ | 2015 | Дастурамал тањия, тасдиќ ва интишор мешавад | 3000 | 9000 |
| 1.6. | Тањияи «Тавсияњо оид ба ѓизогирии варзишгарон» бо дарназардошти истеъмоли миќдори ками намак ва транс-чарбњо | КЉВС ПЉТ<br>МЉЃ<br>ПИТТПТ<br>ПИТ «Ѓизо»<br>ТУТ | 2017-2018 | Тавсияњо тањия ва тасдиќ мешаванд | 3000 | 9000 |
| 1.7. | Тањияи «Дастурамал оид ба тарбияи љисмонї дар Љумњурии Тољикистон (ГТО)» | КЉВС ЊЉТ ва вазорату идорањои дахлдор | 2015-2016 | Таѓйиру иловањо ворид мешаванд | 1000 | 4000 |
| 1.8. | Тањияи «Дастури методї оид ба муайян намудани миќдори истеъмоли озуќа (аз љумла албоми ранга) | МЉЃ<br>ТУТ | 2015 | Тањия, тасдиќ ва нашр мешавад | 3000 | 9000 |
| 1.9. | Тањияи ќарорњои электронии (e-health) арзёбї ва мониторинги истеъмоли ѓизо ва холати ѓизои ањолї | МЉЃ<br>ДМТ<br>ТУТ | 2015 | Тањия мешавад | 9000 | 18000 |
| 2. Рушди илм ва иќтидори кадрї | | | | | | |
| 2.1. | Рушди илм | | | | | |
| 2.1.1. | Дохил намудани Љумњурии Тољикистон ба тадќиќоти ТУТ оид ба назорати фарбењї дар байни кўдакони синни мактабї (COSI) ва гузаронидани он | МЉЃ<br>ТУТ | 2015 | Тољикистон дар тадќиќоти COSI ворид гашта тадќиќот гузаронида мешавад | 10000 | 100000 |
| 2.1.2. | Арзёбии воќеии хўроки ањолї | МЉЃ<br>ПИТ «Ѓизо»<br>ФАО<br>ТУТ | 2016-2024 | Ахборот пешнињод карда мешавад | 30000 | 90000 |
| 2.1.3. | Тањияи лоињаи илмї-тањќиќотї «Омўзиши инкишофи фарбењї дар байни ањолии Љумњурии Тољикистон» бо маќсади тањияи чорањои пешгирикунандаи он дар сатњи байнисоњавї | МЉЃ<br>ДДТТ<br>МЉИС | 2015 | Лоиња тањия мешавад | 6000 | - |
| 2.1.4. | Гузаронидани тадќиќоти «Омўзиши сохтори ѓизои беморони фишорбаландї ва ишемиявии дил дар Љумњурии Тољикистон бо маќсади тањияи чорањои комплексии (байнисоњавии) пешгирии онњо» | МЉЃ<br>ПИТТПТ<br>МЉКБД<br>ТУТ | 2015-17 | Ахборот пешнињод карда мешавад | 300000 | 40000 |
| 2.1.5. | Гузаронидани тадќиќоти «Омўзиши њолати ѓизои ањолии Љумњурии Тољикистон» бо | МЉЃ<br>ДДТТ<br>МЉИС | 2016-2020 | Ахборот пешнињод карда мешавад | 300000 | 300000 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | маќсади таљияи чорањои илман асосноккардашудаи пешгирии он дар сатњи байнисоњавї | ТУТ | | | | |
| 2.1.6. | Таќвияти заминаи озмоишгоњї. Харидорї намудани таљњизот (хромомасс, спектро фотометр ва ѓ.) барои омўзиши мубодилаи моддањои ѓизо дар организм (инчунин бехатарии мањсулоти озуќаворї) | МЉЃ ва шарикњо | 2016-2020 | Таљњизот харидорї мешавад | 150000 | 1500000 |
| 2.2. | Рушди иќтидори кадрї | | | | | |
| 2.2.1. | Гузаронидани курсњои таълимии муттањидшуда барои омўзгорон аз љумлаи кормандони КАТС оид ба машваратдињї вобаста ба ѓизодињии кўдакони синни то 2 сола | РТХТМКТО<br>МИКП<br>ЮСАИД<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2015-2016 | Миќдори омўзгорони тайёркардашуда | - | - |
| 2.2.2. | Омўзонидани кормандони тиби аз тарафи омўзгорони тайёркардашудаи КАТС тибќи «Дастурамал оид ба пешгирї ва табобати норасоии ѓизо дар байни кўдакони то 5 сола» дар сатњи амбулаторї | РТХТМКТО<br>МИКП<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2015-2016 | Миќдори омўзгорони тайёркардашуда | - | - |
| 2.2.3. | Омўзонидани мутахассисони озмоишгоњњои корхонањои намакбарорї, истењсоли орд оид ба назорати сифати намаки йодноккардашуда ва орди оњан иловакардашуда | ХНДСЭ<br>ПИТ «Ѓизо»<br>АСМСНС<br>ЮНИСЕФ | 2015-2016 | Миќдори шахсони омўзонидашуда | - | - |
| 2.2.4. | Гузаронидани семинарњо оид ба пешгирии БЃС (фарбењї, дабети ќанд, беморињои дилу рагњои хунгард ва ѓ.) дар байни омўзгорони муассисањои томактабї ва мактабї ва ѓ. | ПИТ «Ѓизо»<br>МИКП<br>ПИТТПТ<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2016-2024 | Ахбороти семинар пешнињод мегардад | - | - |
| 3. Бењтар намудани ѓизогирии тифлон ва кўдакони синни бармањал | | | | | | |
| 3.1. | Татбиќи «Дастурамали миллї оид ба ѓизогирии кўдакони синни бармањал» | РТХТМКТО<br>МИКП<br>ЮСАИД<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2015-2024 | Паст намудани сатњи бемории гипотрофия дар байни кўдакони то 5 сола | - | - |
| 3.2. | Иљрои барномаи ТУТ оид ба арзёбии њолати ѓизои кўдакони синни то 5 сола ба воситаи алоќаи мобилї дар нохияи пилотї | РТХТМКТО<br>МИКП<br>ХНДСЭ<br>ЮНИСЕФ<br>БУО<br>ТУТ | 2015-2020 | Системаи мониторинги рушд ва назорати эпидемиологии ѓизо бењтар мегардад | - | 20000 |
| 3.3. | Гузаронидани чорабинии «Њафтаи байналмилалии дастгирии синамаконї» | РТХТМКТО<br>МИКП<br>МЉТТЊС<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2015-2024 | Чорабини гузаронида мешавад | - | - |
| 3.4. | Чорабинї оид ба масъалаи њавасмандгардонии фурўши (рекламаи) мањсулоти озуќаворї (махсусан омехтањои ширї) дар доираи «Њафтаи њавасмандгардонии синамаконї» | РТХТМКТО<br>ХНДСЭ<br>МИКП<br>МЉТТЊС<br>ЮНИСЕФ<br>ТУТ | 2015-2020 | Гузаронидани чорабинї | - | - |
| 4. Ташкили ѓизои солими кўдакони синни томактабї ва мактабї | | | | | | |
| 4.1. | Фаъолият дар нохияњо (дар якљоягї бо ташкилотњои байналмиллалї ва ТЃД) дар доираи «Дастурамал оид ба ѓизогирии кўдакони синни томактабї ва мактабї» (такя ба кам истеъмол намудани намак ва транс-чарбњо) | ВМИ ЉТ<br>РТХТМКТО<br>ХНДСЭ<br>МИКП<br>ЮНИСЕФ<br>БУО<br>ТУТ | 2015-2016 | Фисади амалисозї аз тарафи КБС муайян мегардад | - | - |
| 4.2. | Амалисозии "Меъёри ѓизои солим, фаъолияти љисмонї ва гигиенаи шахсии кўдакон» дар муассисањои томактабї ва мактабї | ВМИ ЉТ<br>РТХТМКТО<br>ХНДСЭ<br>МИКП<br>ЮНИСЕФ<br>БУО<br>ТУТ | 2015-2024 | 50% беморињои вобаста аз ѓизо дар байни кўдакон кам мешаванд | - | - |
| 4.3. | Ташкили мусобиќањои байнимактабї оид ба ѓизои солим, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС | ВМИ ЉТ<br>РТХТМКТО<br>ХНДСЭ<br>МИКП<br>ЮНИСЕФ | 2015-2024 | Мусобиќањо гузаронида мешаванд | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ТУТ | | | | |
| 4.4. | Ташкили ѓизои солим дар муассисањои томактабї ва мактабї | ВМИ ЉТ<br>РТХЊМКБО<br>ХДНСЭ<br>МИКП<br>БУО | 2016-2024 | Њамасола њамоњанг гардида ахборот пешнињод карда мешавад | - | - |
| 5. Тањияи ташаббусњои маљмўї оид ба ѓизо, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС | | | | | | |
| 5.1. | Арзёбии миќдори истеъмоли намак ва транс-чарбњо дар байни гурўњњои ањолї (кор бо мушовири ТУТ) | МЉЃ<br>ПИТ «Ѓизо»<br>ТУТ | 2015-2016 | Ахбороти арзёбї тањия мешавад | 30000 | 90000 |
| 5.2. | Арзёбии сифати йодноккунии намак ва орди оњаниловакардашуда дар сатњи истењсолот, бозорњо ва хонаводањо | ХНДСЭ<br>ПИТ «Ѓизо»<br>АСМСНС<br>МЉЃ<br>ЮСАИД<br>ЮНИСЕФ | 2015-2024 | Ахборот оид ба маълумоти љамъоваришуда тањия мешавад | 30000 | 90000 |
| 5.3. | Тањияи мавод оид ба масъалањои ѓизо, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС барои ворид намудан ба барномањои таълимии муассисањои мактабї, донишгоњњои тиббї ва баъдидипломї | МЉЃ<br>ПИТ «Ѓизо»<br>МИКП<br>ПИТТПТ | 2015-2016 | Мавод тањия ва тасдиќ мешавад | - | - |
| 5.4. | Ворид намудани масъалањои ѓизо, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС ба барномаи соати дарсњои тарбиявї муассисањои тањсилоти умумї, донишгоњњои тиббї ва баъдидипломї | ВМИ ЉТ<br>РТХТМКТО<br>МИКП<br>БУО<br>ТУТ | 2016-2019 | Масъалањои ѓизо, фаъолияти љисмонї ва БЃС ба барномањои таълимї ворид карда мешаванд | - | - |
| 5.5. | Таъсиси гурўњи корї оид ба омодасозии маводи иттилоотию коммуникатсионї | МЉТТЊС ва шарикон | 2015 | Гурўњ таъсис мегардад | - | - |
| 5.6. | Тањияи мавод оид ба таъсири манфии трансчарбњо ва намак, фарбењї, диабети ќанд, беморињои дилу рагњои хунгард (инчунин буклетњо, роликњо ва ѓ.) барои баланд бардоштани сатњидониши ањолї тавассути ВАУ | МЉТТЊС<br>ХНДСЭ<br>МИКП<br>ПИТ «Ѓизо»<br>МЉЃ<br>ПИТТПТ<br>ТУТ | 2015-2017 | Мавод тањия ва тасдик мешавад | 5000 | 30000 |
| 5.7. | Љамъ намудани мавод оид ба фавт аз БЃС дар асоси маълумоти оморї ва санадњои фавт | АО ПЉТ ва шарикон | 2015-2024 | Мавод пешнињод мешавад | - | - |
| 5.8. | Љамъ намудани мавод бо усули буљети хонаводањо вобаста ба истеъмоли мањсулоти озуќаворї | АО ПЉТ ва шарикон | 2015-2024 | Ахборот пешнињод мешавад | - | - |
| 5.9. | Андешидани тадбирњо љињати таъмини мактабњо бо омўзгорони тарбияи љисмонї (аз љумла тайёр намудани онњо) | КЉВС<br>ВМИ ЉТ | 2015-2016 | Механизм тањия ва тасдиќ мешавад | - | - |
| 5.10. | Тањияи китоби дарсї «Ѓизои инсон - асосњои нутрисиология» барои табибон, донишљуёни донишгоњњои тиббї ва ѓ. | МЉЃ<br>ТУТ | 2015-2016 | Тасдиќ ва нашр мегардад | 9000 | 21000 |
| 5.11. | Тањияи мавод оид ба ташкили ѓизои парњезї дар муассисањои тиббї | МЉЃ, муассисањои тиббї, ТУТ | 2015-2017 | Тасдиќ ва нашр мегардад | 9000 | 21000 |
| 6. Мустањкам намудани фаъолияти байнисоњавї | | | | | | |
| 6.1. | Таъсиси кумитаи байниидоравї (КБИ) оид ба татбиќи Стратегия | Шарикон | 2015 | КБИ таъсис ва тасдиќ мегардад | - | - |
| 6.2. | Фаъолияти байнисоњавї вобаста ба мањдуд намудани истеъмоли намак ва транс-чарбњо | Шарикон | 2015-2024 | Транс-равѓанхо <1% аз энергияи умумии ратсион | - | - |
| 6.3. | Вохўрињои байнисоњавї, маљлису семинарњо оид ба масъалањои ѓизо, фаъолияти љисмонї ва пешгирии БЃС | Шарикон | 2015-2024 | Миќдори семинарњои гузаронида шуда | - | 120000 |
| 7. Мониторинг ва арзёбї | | | | | | |
| 7.1. | Тањия ва тасдиќи вараќањои арзёбї оид ба ѓизо ва фаъолияти љисмонї | МЉЃ<br>ВМИ ЉТ<br>АО ПЉТ<br>ПИТТПТ<br>МИКП<br>ПИТ «Ѓизо»<br>ТУТ | 2015 | Тањия ва тасдиќ мегардад | - | 10000 |
| 7.2. | Дар доираи корњои тадќиќотии сохторњои давлатї (МЉЃ, ПИТП, ПИТТПТ, АО ПЉТ ва | МЉЃ<br>ВМИ ЉТ | 1 бор дар 2 сол | Ахборот пешнињод | 1000000 | 3000000 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ѓ.) бо дастгирии ТУТ, ЮНИСЕФ, ФАО, БУО ва ѓ. љамъ намудани мавод оид ба нишондињандањои муайяншудаи ѓизо ва фаъолияти љисмонї | АО ПЉТ<br>ПИТТПТ<br>МИКП<br>ПИТ «Ѓизо»<br>ТУТ | | мешавад | | |
| 7.3. | Арзёбии комёбињои системаи мониторинг аз рўи ѓизо ва фаъолияти љисмонї | КБИ<br>ТУТ | 2015-2024 | Ахборот ва тавсияњо пешнињод мешаванд | - | 200000 |

## РЎЙХАТИ ИХТИСОРОТ

АО ПЉТ - Агентии омори назди Президенти Љумњурии Тољикистон
АСМСНС - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Њукумати Љумњурии Тољикистон
БУО – Барномаи умумиљањонии озуќаворории Созмони Милали Муттањид
ВМИ ЉТ - Вазорати маориф ва илми Љумњурии Тољикистон
ВТЊИА ЉТ - Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон
ВК ЉТ - Вазорати кишоварзии Љумњурии Тољикистон
ДДТТ – Донишгоњи давлатии тиббии Тољикистон ба номи Абўалї ибни Сино
ДМТ – Донишгоњи миллии Тољикистон
КЉВС - Кумитаи љавонон, варзиш ва сайёњии назди Њукумати Љумњурии Тољикистон
КБИ – Кумитаи байни идоравї
МИКП – Маркази илмию клиникии педиатрии
МЉИС - Маркази љумњуриявии илмии саратоншиносї
МЉКБД - Маркази љумњуриявии клиникии беморињои дилшиносї
МЉКЭ - Маркази љумњуриявии клиникии эндокринї
МЉЃ - Маркази љумњуриявии ѓизо
МЉТТЊС – Маркази љумњуриявии ташакули тарзи њаёти солим
ПИТ «Ѓизо» - Пажўњишгоњи илмї-тадќиќотии “Ѓизои”-и Вазорати саноат ва технологияњои нави Љумњурии Тољикистон
ПИТГЭ – Пажўњишгоњи илмию тањќиќотии гастроэнтерология
ПИТТПТ - Пажўњишгоњи илмию тањќиќотии тибби профилактикии Тољикистон
РТХТМКТО - Раёсати ташкили хизматрасонї ба модарону кўдакон ва банаќшагирии оилаи ВТЊИА ЉТ
ТБ - Ташкилотњои байналмилалї
ТУТ - Ташкилоти умумиљањонии тандурустии
ХНДСЭ - Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологї
ФАО - Ташкилоти озуќаи кишоварзии Созмони Милали Муттањид
ЮСАИД – Агентии ШМА оид ба рушди байналмиллалї
ЮНИСЕФ - Хазинаи кўдакони Созмони Милали Муттањид